“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон
_________ Сатторзода Б.А.
«___5___»__________2025с.

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051701- Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи «Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ» нишон дод, ки он ба бандҳои 1.1., 1.2. , 1.3., 1.4., 1.5., 1.6. ва 1.13. –и Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D051701 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони рушди бемайлони иқтисодӣ ва гузариш ба марҳилаи нави рушд, ҳамзамон бо таваҷҷуҳ ба таҳдиди хатарҳои муҳити дохиливу берунӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади расидан ба ҳадафҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ Стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ дар давраи то соли 2030-ро қабул намуд. Мақсади қабули стратегия - ин бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар, ташаккули равандҳои инноватсионӣ, инчунин, ташаккули соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, сармогузории техникаю технологияҳои замонавӣ ва тезонидани суръати илму техника дар мамлакат ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, қайд бояд намуд, ки ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ тақвият бахшидан ба заминаи институтсионалии рушд, такмилдиҳии низоми ҳуқуқӣ ва тақвияти моликияти зеҳнӣ, шароит фароҳам овардан ба ҳаҷми сармоягузорӣ гузариши мамлакат ба марҳилаи нави рушд ҳадафҳои асосии стратегии кишвар маҳсуб мeёбанд.

Мавзуи интихобгардида дар шароити имрӯзаи кишвари мо яке мавзуҳои мубрам ва актуалӣ буда, он метавонад дар ташаккули тиҷоратикунонии навовариҳо мусоидат намояд.

Имрӯз дар тамоми ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи тиҷоратикунонии навовариҳо, яке аз масълаи муҳим арзёбӣ гардида, бинобар ин, асоснокунии механизмҳои тиҷоратикунонӣ, тақвияти механизми тиҷоратикунонӣ, унсурҳои асосии рушди иннноватсионии иқтисодӣ, рушди идоракунии он ва таҳлили нишондиҳандаҳои асосии тиҷоратикунонии навовариҳо зарур мебошанд.

Тиҷоратикунонии навовариҳо дар тамоми мамлакатҳои ҷаҳон дар ҳолати риоя накардаи қоидаҳо, пешнагирифтани хавфҳои инноватсионӣ ва идора накардани механизмҳои тиҷоратикунонӣ метавонад ба низоми рушди инноватсионӣ таъсири зиёд расонида, тамоми нишондиҳандаҳои тиҷоратикунонии навовариро манфӣ гардонад.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳад, ки мавзуи мазкур мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб рафта, дар ҳалли масъалаи мазкур аз ҷиҳати асосноккунии илмӣ ва тавсияҳои амалӣ қадами пешоҳангӣ ба ҳисоб меравад.

Вазъи ҷойдоштаи масъалаҳое, ки дар боло зикр шуданд, коркарди нокифояи назариявии таҳқиқи муаммои мазкурро дар соҳаи иқтисодиёти миллӣ инъикос менамояд. Вобаста ба муҳиммияти мавзуи интихобшудаи диссертатсия, инчунин арзиши илмӣ ва аҳаммияти амалии он асоснок карда мешаванд.

**3. Дараҷаи асоснокнамоии рисолаи илмӣ, хулосаю пешниҳодот, ки дар диссертатсия оварда шудааст.**

Дар таҳқиқоти анҷом додашуда асосҳои институтсионалии таъмини устувори тиҷоратикунонии навоварӣ, афкори иқтисодии инноватсионии миллӣ ва ҷанбаҳои методологии он инъикос ёфта, инчунин, дар таҳқиқоти илмӣ марҳилаҳои муҳимми навҷорисозӣ, марҳилаҳои тиҷоратикунонии навоварӣ, механизмҳои таъсиррасон ва идоракунии он ва самтҳои такмилдиҳии тиҷоратикунонии навоварӣ инъикос ёфтаанд. Ҳамзамон, дараҷаи асоснокнамоии таҳқиқоти мавзуи илмиро асарҳои олимони ватанию хориҷӣ ташкил менамояд.

Аз диссертатсия бар меояд, ки мақсади таҳқиқоти мазкур ин омӯзиши масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳо доир ба тиҷоратикунонии наворвариҳо, инкишофи низоми идоракунии тиҷоратикунонии навоварӣ дар шароити иқтисоди муосир маҳсуб меёбад. Барои ҳалли вазифаҳои он, доктарант нуктаҳои таҳқиқотро пешниҳод намуда, ҳалли онҳо бо навгониҳои илмии пешниҳод намудаи муаллиф мутобиқат намудаанд. Аз нигоҳи муҳиммият ва мубрамии таҳқиқот дар диссертатсияи мазкур объекти таҳқиқот, мавзуъ, масъалаҳо ва усулбҳои омӯзиши он муайян ва пешниҳод карда шудааст.

Ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои дар назди рисолаи илмӣ гузошташуда, аз усулҳои зерин ба мисли усулҳои монографӣ, усулҳои қиёсӣ, таҷрибавию омӯзишӣ, матемтикию иқтисодӣ, оморӣ, таҳлилӣ ва синтезӣ, инчунин, мушоҳидаҳои муаллиф ба мақсади таҳқиқоти худ гирд оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

**4. Саҳеҳӣ ва навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастовардашуда.** Мақсади таҳқиқоти мазкур – омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-методӣ, ҳамзамон, таҳияи пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмил додани тиҷоратикунонии навоварӣ дар шароити муосир ва дар заминаи он барои ноил гаштан ба ҳадафҳои гузошташудаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи инноватсия дар кишвар маҳсуб меёбад.

Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар асоснокнамоии паҳлӯҳои назариявӣ-методологӣ оид ба баланд бардоштани низоми идоракунии тиҷоратикунонии навоварӣ ва дар заминаи он таъмини рушди устувори инноватсионӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо натиҷаҳои муфид ба арзиши навгонии пешниҳодшуда дар мавридҳои зерин баён гардидаанд:

- дар диссертатсия муаллиф таҳқиқи асосҳои назариявию методологии тиҷоратикунонии навовариро мушаххас намуда, дар ҷамъбасти натиҷаҳои назариявию методии адабиёти мавҷуда таърифи такмилшудаи инноватсия ва тиҷоратикунонии навовариро пешниҳод намудааст;

- муаллиф вобаста ба сохтори консептуалии механизми тиҷоратикунонии наворварӣ бо таваҷҷӯҳ ба ташаккулёбии маҷмӯи роҳу усулҳои таҳлили донишҳои илмӣ-техникӣ, ки таъсири худро ба самаранокии тиҷоратикунонии навоварӣ мерасонад пешниҳод намуда, бо таваҷҷӯҳ ба омӯзиш ва таҳлили таҷрибаҳои хориҷӣ ташаккулдиҳии самараноки тиҷоратикунонии навовариҳоро асоснок намудааст;

- дар таҳқиқот вазъи кунунии механизмҳои тиҷоратикунонии навовариҳо арзёбӣ гардида, муаллиф омилҳои боздорандаи он, омилҳои институтсионалӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва маркетингию технологиро барои рушди тиҷоратикунонии навовариҳо хуб муайян намудааст;

- муаллиф дар навгонии худ дастгирии давлатиро доир ба тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи танқидӣ баҳогузорӣ намуда, ҷиҳати рафъи мушкилоти мавҷуда чораҳои мушаххас пешниҳод кардааст.

- дар диссертатсия муаллиф принсипҳо ва нишондиҳандаҳои механизми тиҷоратикунонии навовариро пешниҳод кардааст, ки барои мукаммалгардонидани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар кишвар мусоидат хоҳанд кард;

- муаллиф барои рушди низоми тиҷоратикунонии навовариҳо дар кишвар дар асоси омӯзиш модели “омилҳои асосии таъсирбахши тиҷоратикунонии дониш”, “омилҳои ташкили тиҷоратикунонии дониш” ва “нишондиҳандаҳои тиҷоратикунонии дониш”-ро пешгӯи намудааст, ки онҳо метавонанд ба рушди низоми милии инноватсионӣ мусоидат намоянд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои** таҳқиқот дар муайян кардани ассосҳои назариявии инноватсионӣ, методологӣ, идоракунӣ, баҳодиҳии низоми инноватсионии тиҷоратикунонӣ ва истифодаи он барои таъмини идоракунии рушди устувори инноватсионии кишвар таҷассум меёбад. Хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар фаъолияти амалӣ, поягузории илмии мансуб ба сатҳи сифати фаъолияти корхонаҳои саноатӣ истифода шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба рушди минбаъдаи фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ мусоидат намуда, пешниҳодҳои муаллиф ва асоси назариявии кор дар истифодаи самараноки идоракунии инноватсионии муассисаю корхонаҳои кишвар ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди

Президенти Тоҷикистон дар самти фаъолияти низоми тиҷоратикунонии инноватсионӣ истифода бурда шаванд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ** дар мубрамӣ, эътимоднокӣ, дақиқӣ ва дастрасии миқдори маводҳои таҳқиқот, таҳлили омории натиҷаҳои онҳо ва интишороти муаллиф тасдиқ мегардад. Дар диссертатсияи мазкур, дар базаи маълумотҳои аниқи оморӣ ва соҳавӣ таҳлили самаранокии тиҷоратикунонии навоварӣ, омӯзиши назария, услуб ва амалияи истифодаи он асоснок мегардад. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф ва факту рақамҳои оморӣ, ки ба мавзуи рисолаи илмӣ дахл доранд, асоснок гардидааст. Пешниҳодҳои алоҳидаи муаллиф бо натиҷаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дар таҷрибаи хоҷагидорӣ асоснок карда шудааст.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Марҳилаҳои таҳқиқоти илмии мазкур бо иштироки бевоситаи худи муаллиф, саркарда аз интихоби мавзуъ, ассоснокнамоӣ, мақсаду вазифаҳо, мубрамият ва актуалии рисолаи илмии мазкур иҷро гардидааст. Дар раванди омӯзиши таҳқиқот пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф оид ба шаклу усулҳои дастгирии давлат ва идоракунии самараноки тиҷоратикунонии навовариҳо, ки ба беҳтаршавии вазъи инноватсионии кишвар равона карда шудаанд. Пешниҳоди алоҳидаи муаллиф оид ба натиҷаи рисолаи илмӣ ба ҳимоя пешниҳод гардида, мутобиқат намуда, навгонии илмӣ ва истифодаи амалии он аз манфиат холӣ нест.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ тайи солҳои 2017-2025 маърӯза гардида, аз тарафи иштироккунандагони он қобили қабул шуморида шудаанд.

Муақкарарот ва натиҷаи асосии таҳқиқоти мазкур дар 17 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 7 мақолаҳои илмӣ дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда шомил буда, нашр шудаанд.

Мазмуни пурраи диссертатсия, унсурҳои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот ба пуррагӣ дар автореферат ва мақолаҳои чопшудаи муаллиф инъикос ёфтаанд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзуи "Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ" аз муқаддима, се боб, хулоса, пешниҳодот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 182 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 25 ҷадвал, 16 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда номгӯи сарчашмаҳои мавриди истифода қарор гирифта, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи кори диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявию методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар қисмати боби якум **“Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ дар шароити муосир”** ном гирифта аст, дар он асосҳои назариявии кори тадқиқотӣ, сохтори механизми тиҷоратикунонӣ, омӯзиши андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва таҷрибаи хориҷии механизми тиҷоратикунонии навоварӣ мавриди баррасӣ муаллиф қарор додааст (саҳ. 16-65).

Муаллиф қайд менамояд, ки барои расидан ба ҳадафҳои асосии рушди иқтисодӣ ва стратегӣ гузариш ба тиҷоратикунонии навоварӣ (инноватсионӣ) вазифаи асосӣ ҳисобида мешавад. Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани механизми тиҷоратикунонии навоварӣ ба истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот, самаранокии идоракунӣ ва рушди босуботи иқтисодӣ ва молиявӣ оварда мерасонад.

Дар саҳ. 16 хуб дарҷ шудааст, ки “....дар фаъолияти навҷорисозӣ мо бояд ба натиҷа бештар аҳаммият диҳем, маҳсулоти нав таҳияшударо дар бозор ба фурӯш барорем ва силсилаи (давраи, чархаи) фаъолияти навовариро идома диҳем”.

Аз нигоҳи муаллиф, навоварӣ ин як меҳнати зеҳнии инсон буда, он дар шакли фикру ақидаҳои нав доир ба истеҳсоли маҳсулот, ҷорӣ намудани дастовардҳои беҳтари илму техника ва татбиқи амалии онҳо дар истеҳсолоти муосир равона шудааст ва бешак танҳо дар асоси тиҷоратикунонӣ маънои мантиқӣ пайдо мекунад (саҳ.21).

Муаллиф, дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-методӣ ва бо дар назардошти сарчашмаҳои назариявии илмӣ дар диссертатсия навовариро ба гурӯҳҳо дар ҷадвал ҷудо намудааст, ки онҳо бо аломат тавсиф пешниҳод шудаанд. (саҳ. 25).

Дар замони рушди илму техника ва технологияҳои инноватсионӣ барои дар сатҳи зарурӣ расидан ба ҳадафҳои рушди устувори тиҷоратикунонии инноватсионӣ муаллиф функсияҳои умумии тиҷоратикунонии навоварӣ дар амал зоҳир намудааст, ки ба мақсад мувофиқ аст. (саҳ.27 расми 1.1.1.).

Ҳамчунин дар саҳифаҳои 32-35 асосҳои консептуалӣ ва аз саҳифаи 36 то 50 доир ба сохтори механизми тиҷоратикунонии навоварӣ, ҳамбастагии илм, истеҳсолот ва тиҷорат, хизматрасониҳои бизнест-инкубаторҳо ва сармоягузорӣ андешаҳои муфид баён намуда, қобили дастгирӣ мебошад.

Бо назардошти мушоҳидаву таҳлилҳо муаллиф таҷрибаҳои хориҷии механизми тиҷоратикунонии навовариҳоро омӯхта, таҷрибаи баъзе аз давлатҳоро муфассал дар кишвар баён намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки таҷрибат давлатҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки роҳу услуҳои пешқадами танзим ва ҳавасманд гардонидани фаъолияти навҷорисозӣ ва тиҷорати он дар кишвари мо ба роҳ монда шавад. Дар баробари ин бояд хусусиятҳои хоси инкишофи иқтисоди миллӣ, шароити маҳал, неруӣ захиравӣ ва муҳити иҷтимоиву иқтисодии кишвари мавриди таваҷҷӯҳ ба назар гирифта шавад. Бояд гуфт, ки кишварҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир дар мавриди тиҷоратикунонии навовариҳо таҷрибаи ғанӣ андӯхтаанд ва омӯзиши таҷрибаи ин давлатҳо албатта дар шароити кишвари мо хеле муассир хоҳад буд. (саҳ. 50-51).

Дар ин росто, муаллиф дар расми 1.3.1. “Механизмҳои ташаккулёбии муҳити тиҷоратикунонии навоварӣ” инъикос намудааст, ки он барои ноил гаштан ба чунин ҳадафҳо ва инчунин, ноил гаштан ба рушди устувори тиҷоратикунонии инноватсионӣ унсурҳои асосии устувори инноватсионӣ мусоидат хоҳад кард, ки боиси дастгирӣ мебошад. Ҳамзамон, муаллиф дар кори таҳқиқотии худ “Омилҳои муваффақияти тиҷоратикунонии навовариҳо дар ҶМЧ”- ро дар ҷадвали 1.3.2 қайд намудааст, ки аз рақобати шадид, соҳибкории оммавӣ, маблағҳои бузурги давлатӣ ва хусусӣ барои тадқиқоти илмӣ, мутобиқшавии зуд ба мартабаҳои нави технологӣ (технологический уклад), бозори бузург ва равиши даромад меҳвар иборат мебошад, ки онҳо дар рушди тиҷоратикунониии навовариҳо нақши калидӣ бозанд (саҳ. 60-62)

Дар боби дуюм “**Таҳлили заминаҳои асосӣ ва вазъи кунунии механизмҳои тиҷоратикунонии навоварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**”, ки таҳлили вазъи ММД-и Тоҷикистон дар байни Осиёи Марказӣ, динамикаи нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодии кишвар, манбаҳои асосии рушди иқтисодиёт ва тадбирҳое, ки барои дастгирии иқтидори илмии Тоҷикистон заруранд мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст (саҳ. 66-101).

Дар асоси таҳлил ва вазъи имрӯзаи ММД-и Тоҷикистон дар байни Осиёи Марказӣ фаҳмида шуд, ки Соли 1988 ба ҳиссаи Тоҷикистон ҳамагӣ 8% ММД Иттиҳоди Шуравӣ рост омад, аз ҷумла 4% истеҳсоли саноатӣ ва 2,1% истеҳсоли кишоварзӣ, ки 8,41% - и он ба содирот ба дигар ҷумҳуриҳо рост меомад (саҳ.66).

Аз рӯйи таҳлилҳо мушоҳида карда шуд, ки дар соли 2023 шумораи корхонаҳои саноатӣ 3453 ададро ташкил дод, ки ин нисбати соли 2013 47,76% зиёд мебошад. Гардиши савдои чакана бошад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2023 48 518,5 млн. сомонӣ, ё худ 33 647,4 млн. сомонӣ нисбати соли 2010 зиёд мебошад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки танҳо дар 13 соли охир Динамикаи нишондиҳандаҳои рушди макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба соли 2010 5,29 % зиёд гаштааст, ки ин нишондиҳанда аз руйи ММД бо млн.сомонӣ инъикос ёфтааст. (саҳ. 66-67).

Муаллиф дар диссетатсия дарҷ намудааст, ки дар айнизамон, дар 75 пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шумораи умумии кормандон 17 868 нафар, кормандони илмӣ 10304 нафар, яъне 55,6% -ро ташкил медиҳанд. Аз онҳо докторҳои илм – 794, номзадҳои илм – 2 975 нафар мебошанд” (саҳ. 72.)

Дар асоси таҳлилҳо муаллиф тадбирҳое, ки барои дастгирии иқтидори илмии Тоҷикистон заруранд пешниҳод намудааст:

- Молия ва сармоягузорӣ;
- Рушди инфрасохтори илмӣ-таҳқиқотӣ;
- Дастгирии муҳаққиқон ва олимон;
- Ҳамкориҳои байналмиллаӣ;
- Таълим ва таълими касбии кадрҳо;
- Таҳияи технологияҳои нав;
- Эҷоди муҳити мусоид барои навоварӣ ва эҷодкорӣ;

- Нигоҳ доштан ва баргардонидани кадрҳо-мутахассис;
- Рушди тадқиқоти амалӣ;
- Баланд бардоштани огоҳии ҷомеа дар бораи аҳаммити илм ва технология.

Ин тадбирҳо ба андешаи мавсуф бо татбиқи ин қарорҳо ва дастгирии ҳамаҷонибаи иқтидори илмӣ,Тоҷикистон метавонад ба яке аз марказҳои илмию техникӣ дар минтақава ҷаҳон табдил ёбад ва ба ин васила ба рушди устувор ва беҳтар шудани сифати зиндагии шаҳрвандон ноил гардад (саҳ.73-75).

Ҳамзамон муаллиф, доир ба рушди тиҷорати навоварӣ дар кишвар омилҳои зеринро пешниҳод кардааст, ки воқеан боиси рушд мегарданд:

- мавҷуд набудани марказҳои соҳибкории навоварона оид ба мутобиқати иҷрои лоиҳаҳои навоварӣ;
- нокифоягии дастгирии давлатии фаъолияти навоварона;
- сатҳи пасти самаранокии шарикии давлат бо бахши хусусӣ дар самти тиҷорати навоварӣ;
- нокифоягии кадрҳо, соҳибкорони ташаббускор, мутахассисони соҳибкасб ва соҳибфикр, ки қобилияти идея ва ақидаҳои хешро исбот намуда дар шароити афзунгардии мураккабии равандҳои бозорӣ ва рақобатнокӣ самаранок фаъолият менмоянд;
- фаъолияти ғайрисамараноки маркетингӣ;
- сатҳи поини пардохтпазирии талабот ба маҳсулоти навоварона ва ғайра (саҳ. 83-84).

Муаллиф қайд менамояд, ки се марҳилаи рушд барои рушди равандҳои тиҷоратикунонӣ мавҷуд аст, ки ин марҳилаҳо ба ақидаи у боиси рушд мегардад:

- илми муосир;
- табдил додани илм ба техника;
- табдил додани технология ба маҳсулот.

Ҳамзамон, дар диссертатся муаллиф доир ба тиҷоратикунонии навовариҳо аз ҷониби ташкилотҳо, алоқамандии хароҷот барои татбиқ ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникативӣ нисбат ба ММД ва рушди бомарони фаъолнокии навовариҳои мамлакат ибрози андеша намуда, онҳоро аз солҳои 2012 то 2023 мавриди таҳлил қарор додааст. Дар натиҷа муаллиф ба хулосае омадааст, ки таҳлили гузаронида шудаи вазъи кунунии иқтидори навоварӣ ва тиҷоратикунонии навоварӣ дар фаъолияти субъектони хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам меоварад, ки низоми нишондиҳандаҳои ташкил ва истифодаи иқтидори навовариро дар то давраи соли 2023 муайян созем.

Дар боби сеюм **“Самтҳои асосии мукаммалгардонии механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон“** муаллиф ба масъалаҳои ташаккули муҳити мусоиди институтсионалии тиҷоратикунонии навовариҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти навоварӣ, муқоисаи навовариҳо дар сатҳи давлат, дастгирии соҳибкорони навовар ва ҳавасмандгардонии равандҳои навҷорисозии истеҳсолӣ дар сохторҳои соҳибкорӣ диққати махсус зоҳир намудааст. (саҳ. 102-154).

Дар қисмати ин диссертатсия муаллиф ба маврид қайд менамояд, ки яке аз вазифаҳои муҳими давлат таъсиси системаи иқтисодии

ҳавасмандгардонандаи равандҳои навҷорисозии истеҳсоли дар сохторҳои соҳибкорӣ мебошад, ки дар доираи чорчубаи муайяни институтсионалӣ ва ё ниҳодӣ амалӣ мешавад (саҳ.102-104).

Муаллиф дар расми 3.1.1. муҳити ниҳодии инкишофи тиҷоратикунонии навовариҳоро барало нишон дода, дар он ниҳодҳои асосии тиҷоратикунонии навовариҳо нишон дода шудаанд, ки қобили дастгирӣ мебошанд. (саҳ. 102-107).

Дар саҳифаи 113-116-и диссертатсия доир ба гурӯбандии вобастагиҳои кории иштирокчиёни ҷараёни тиҷоратикунонии наворварӣ, доир ба андешаҳои мактаби неоинститутсионализм ва накши институтҳои илмӣ-тадкикотӣ, озмоишгоҳҳо ва донишгоҳҳо дар рушди бонизоми тиҷоратикунонии навовариҳо андешаронии муаллиф хуб қайд шудааст.

Аз нигоҳи диссертант, марокизи илмӣ бояд дар асоси принсипҳои бозорӣ фаъолият кунад, дар идоракунии фаъолияти молиявии худ мустақил бошад, самт ва равияи тадқиқоти худро дар асоси талаботи бозор ба роҳ монад. Дар ин ҳолат аст, ки онҳо аз тобеияти давлат озод мешаванд ва бо таваҷҷуҳ ба ниёзҳои худ ва бо назардошти омили талаботи бозор самти фаъолияти худро ба роҳ хоҳанд монд. (саҳ. 117-121).

Қайд карда мешавад, сохторҳо ва ширкатҳои давлатӣ бояд ба унвони фармоишдиҳанда, таъминкунанда, харидор ҳамкории худро бо сохторҳои илмӣ-инноватсионӣ тақвият диҳанд. Илова бар ин сохторҳои давлатӣ метавонанд хизматрасониҳои ҳуқуқӣ, машваратӣ, инфрасохторӣ ва институтсионалиро ба сохторҳои илмию инноватсионӣ дар асоси принсипҳои бозорӣ пешниҳод намоянд. (саҳ. 120-125).

Доктарант доир ба инкишофи инфрасохтори тиҷоратикунонии наворвариҳо, инфрасохтори инноватсионӣ, механизмҳои тиҷоратикунонии навовариҳо, такмили механизми ҷалби сармоягузориҳо ба рушди инкишофи инфрасохтори инноватсионӣ, ташаккул ва инкишофи кластерҳои инноватсионӣ ва мушкилоти ин кластерҳо, моделсозии омилҳои инкишофи тиҷоратикунонии донишҳои нав дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ ибрози назар намудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад (саҳ. 126-154).

**Қисмати хулосавӣ**. Ҳар як боби кори диссертатсионӣ бо хулосаҳо ҷамъбаст гардидааст. Қисми хулосавии таҳқиқот аз 6 банд иборат буда, бо тавсияҳову пешниҳодҳои муфиде, ки истифодашавиашон имконпазир аст, ҷамъбаст гардидааст. Омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Маҳмадалиев Н.К. нишон дод, ки натиҷаҳои бадастомада дорои аҳаммияти ҳам назариявӣ ва ҳам амалӣ мебошанд. Дар таҳқиқот пайдарҳамии мантиқии асосҳои назариявӣ ва таҳлилҳои гузаронидашудаи амалӣ дида мешавад, ки арзиши баланд доранд.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Маҳмадалиев Н.К. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Маҳмадалиев Насриддин Каримович ба ихтисоси илмии дархостшаванда, яъне 6D051700 - Менеҷменти инноватсионӣ (6D051701 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ) мувофиқат мекунад.

Таҳқиқи диссертасионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки кори баитмомрасидаи мантиқан ягона ва мустақилона аз ҷониби муҳақиқ иҷрошуда буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Инчунин, дар шароити имрӯза барои татбиқи яке аз ҳадафҳои стартегии кишвар, ки таъмини тиҷоратикунонии наворвариҳо буда, коркардҳои ӯ дар масъалаи идоракунии рушди тиҷоратикунонии навовариҳои миллӣ мувофиқи мақсад мебошад.

**12. Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои судманд диссертатсияи мазкур аз норасоиҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд холӣ нест, вале камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои ояндаи диссертант тавсия карда мешаванд:

1. Дар диссертатсия дар боби аввал муаллиф андешаҳои олимони барҷастаи соҳаро доир ба моҳият ва мазмуни навоварӣ, тиҷоратикунонӣ ва навҷорисозӣ ҷамъ овардааст, аммо мавқеи худро дар робита ба моҳияти мафҳуми мазкур мушаххас нанамудааст;

2. Дар диссертатсия муаллиф доир ба хавфҳо умумӣ андешаронӣ кардааст, аммо дақиқ нагуфтааст, ки кадом хавфҳо ба рушди тиҷоратикунонии навовариҳо таъсири манфӣ ё мусбат мерасонад. Агар муаллиф хавфҳоро гурӯҳбандӣ мекард, мазмуни диссертатсия беҳтар мешуд;

3. Баъзе аз расмҳои овардашудаи диссертатсия ба пуррагӣ шарҳ дода нашудааст, агар муаллиф доир ба расмҳои овардашуда маълумоти пурра медод, кори диссертатсия хубтар ба назар мерасид. Масаланд расмҳои 1.2.2., 2.2.1, 3.1.3 ва ғайра.

4. Дар боби 2-юм муаллиф вобаста ба заминаҳои асосӣ ва вазъи кунунии механизмҳои тиҷоратикунонии наворварӣ дар кишвар андешаронӣ намудааст, аммо дар диссертатсияи худ аз вазъи Корхонаҳои саноатии кишвар, умуман вазъи соҳибкорони инноватсионии ҷумҳурӣ мисоле наовардааст. Агар муалиф санади татбиқи худро дар кори худ ҷой медод, ҷанбаи амалии корро тақвият мебахшид;

5. Дар ҷавали 3.1.1. муаллиф номгӯи лоиҳаҳо ва натиҷаҳои чашмдошт ва ҳамзамон муҳлати иҷрои онҳоро дарҷ намудааст, дар ин росто агар муаллиф аз нигоҳи худ як лоиҳаи инноватсионӣ дар самти тиҷоратикунонии навовариҳо пешниҳод мекард, кори диссертатсия беҳтар мегардид.

6. Дар боби 3-юм муаллиф модели иқтисодӣ-риёзии рутбабандии омилҳои инкишофи тиҷоратикунониро дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои илмӣ пешниҳод намудааст, аммо модели мазкур ба таври кофӣ шарҳ дода нашудааст.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) таҳия гардида, мазмуни асосии

ва дурнамои он, модели иқтисодӣ-риёзӣ дошта бештар диққат медод кори диссертатсия беҳтар мешуд;

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 6D051701-Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ тахия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардидааст.

**12. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Бо ибрози чунин нуктаи назар гуфтан мумкин аст, ки Маҳмадалиев Насриддин Каримович дар мавзӯи **«Асоснок намудани механизми тиҷоратикунонии навовариҳо дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ»** барои даёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 6D051701 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба талаботҳои КАО - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсияи Маҳмадалиев Насриддин Каримович ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи номзадӣ аз руйи ихтисоси 6D051701 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз руйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (с/ҷ №04, аз 05.11.2025). Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдор – 7, зид, бетараф нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и., дотсент — Нуридинов С. З.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Абдумухторзода Н.А.

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии ДДМИТ — Носирзода Ҳ.С.

Имзои Нуриддинов С.З., Абдумухторзода Н.А. ва Носирзода Ҳ.С.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДДМИТ — Мирҷамолов М.А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

**Суроғаи донишгоҳ:** 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14